МУОВИНИ САРВАЗИРИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ПРЕМЬЕР-МИНИСТРА
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ба вазорату идораҳо
(тибқи рӯйхат)

Тибқи тартиби муқаррааргардида барои иҷро.

Ба Раёсати мудофиа
ва тартиботи ҳуқуқӣ

М. Алимардон

№ 251388 (31-6)
«08» 09 2014

Рӯйхати
вазорату идораҳо тибқи супориши № 251388 аз 08.09.2014

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Сарраёсати геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
Ҷамъияти миллии Ҳилоли Аҳмари Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**КУМИТАИ ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ВА МУДОФИАИ ГРАЖДАНИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734013. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе к. Лоҳутӣ 26, Тел. : 223-10-09, Факс: 221-91-19
Почтаи электронӣ: najot @rs.tj. Веб-сайт: www. khf. tj.

№ 8/1-787 аз «20» августи с. 2014

Ба № 1935/31-6 аз «14» июли с.2014

Ба муовини Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон
Муродалӣ Алимардон

Мӯҳтарам Муродалӣ Алимардон!

Ба нишонии Шумо лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои таҳияшудаи маҷлиси чаҳоруми Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табииро аз 24 июли соли 2014 барои тасдиқ намудан, ирсол менамоем.

Замима: дар ҳаҷми 8 (ҳашт) варақ.

Бо эҳтиром,

Раис [signature] Х. Абдураҳимов

Иҷрокунанда: п-к Камолов Ҷ.
тел: 221-87-42;

Протоколи

маҷлиси Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

24 июли соли 2014 №4 ш. Душанбе

Раисикунанда: раиси Платформаи миллӣ М.Алимардон

Иштирок намуданд: Абдураҳимов Х.С. (муовини аввали раиси Платформаи миллӣ), Камолов Ҷ.Ҷ. (котиби масъули Платформаи миллӣ), Солиев А.Ҳ., Холиқзода А., Соҳибов Ш.К., Зеваршоев З.Т., Ҷаъфаров Н.Ҷ., Ш.Назрӣ, Исмонов Ф. Б., Начмиддинов А.Ю., Бобоназаров Ш., Шарипова О., Ҳикматов С., Ғаффоров Б.А., Маҳмадалиев А.Ғ., Одинаев С., Мамадҷонов Ю.М., Мирова Д.С., мутасаддиёни вазорату идораҳо- Сулаймонов Н., Ҷобиров А., Набиев Ҳ., Сарабеков Н.Ш., Сайдуниев У.С. ва ғайра.

Ба ҳайси нозирон - намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо иштирок намуданд: Салиби Сурхи Олмон - Солиев И., Грезова С.А., Барномаи рушди СММ - Шимомура Н., Файзуллоев Ф., Раноев В., Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустии СММ Юлдошева Л., Ташкилоти СММ оид ба озуқа ва кишоварзии СММ Виорд Г.,Барномаи умумиҷаҳонии озуқа - Богуаэр А., Усманова Г., Фонди СММ оид ба кумаки кудакон UNICEF - Моширӣ Л., Абдуваҳобов П., Ташкилоти «Ҳайати шавкат» - Акбарова М., Ташкилоти Фокус - Кувватбеков З., Назриев Ф., Ташкилоти Оксфам - Колунджия Б., Барсалот А., Идораи Швейтсария оид ба ҳамкорӣ ва рушд - Гучан Р., Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (GIZ) Элснер Й., Мухиддинов Н., Агроаксияи Олмон - Давлатов Д., Ташкилоти «Начоти кӯдакон» - Хакимов А., Ташкилоти Актед - Мансурова Р., Гуломджанов И., Ташкилоти Хелветас - Рахимова Ш.

РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

1. Таҳлили фаъолияти Платформаи миллӣ дар соли 2013 ва тасдиқ намудани нақшаи кории он барои соли 2014;

2. Баррасии лоиҳаи Низомномаи Системаи ягонаи давлатии оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда;

3. Маълумот дар бораи Барномаи амалиёти Хиого барои солҳои 2005-2015 ва масъалаи таҳияи «Барномаи нав оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ баъд аз соли 2015»;

4. Муаррифии татбиқи Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон (ДИПЕКО-8) ва дигар лоиҳаҳои инвеститсионӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ.

ШУНИДА ШУД:

Маҷлиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табииро дар соли 2014 раиси Платформаи миллӣ

М. Алимардон ифтитоҳ бахшида, мақсади ҷамъшавиро дар маҷлиси навбатии Платформаи миллӣ тавсиф дод. Ҳамзамон, таваҷҷуҳи ҳозиринро ҷиҳати масъалаи пешгирии хавфи сарзадани офатҳои табиӣ ва омодагӣ ба онҳоро баён намуд. Қайд намуд, ки маълумоти муфассалро оид ба мавзеъҳои таҳти таъсири ярч қарор доштаи ҷумҳурӣ бо мақсади маблағгузорӣ намудани корҳои мониторинги ярчҳои махсусан хавфнок ба донороҳо лоиҳаҳои инвеститсионӣ пешкаш намоянд.

Инчунин, масъалаи омодагӣ ва эътинонамоӣ ба ҳолатҳои саламавӣ ва бехтар намудани азъи экологӣ дар партовгоҳҳои радиоактив ва

БАРОМАД НАМУДАНД:

Аз рӯи масъалаи якум муовини якуми раиси Платформаи миллӣ Абдураҳимов Х.С. баромад намуд.

Таҳлили фаъолияти Платформаи миллӣ дар соли 2013 гузаронида, барои тасдиқ намудан нақшаи кории он барои соли 2014 пешниҳод намуд.

Аз рӯи масъалаи дуюм котиби масъули Платформаи миллӣ Камолов Ҷ.Ҷ. дар бораи баррасии лоиҳаи Низомномаи Системаи ягонаи давлатии оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда баромад карда, дар бораи зарурати таҳияи он иттилоъ дод.

Аз рӯи масъалаи сеюм котиби масъули Платформаи миллӣ Камолов Ҷ.Ҷ. баромад намуда, маълумоти умумӣ дар бораи Барномаи амалиёти Хиого манзур намуд. Қайд намуд, ки барои таҳияи Барномаи нав оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳои мушаххас бояд омода ва пешниҳод намоянд.

Аз рӯи масъалаи чорум роҳбари Барномаи рушди СММ дар Тоҷикистон Норимаса Шимомура, роҳбари Барнома оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиии Идораи Ҳамкории Швейсария дар Тоҷикистон Регина Гучан, роҳбари ташкилоти ғайридавлатии Актед дар Тоҷикистон Раъно Мансурова, роҳбари Лоиҳаи Ташкилоти ғайридавлатин Ҳелветас Шаҳло Раҳимова, муовини Котиби генералии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон Дилором Мирова, роҳбари лоиҳаи ташкилоти "Наҷоти кӯдакон" Абдуҷаббор Ҳакимов, намояндаи Фонди СММ оид ба кумаки кудакон дар Тоҷикистон UNICEF Лайло Моширӣ, роҳбари Лоиҳаи ДИПЕКО-8 Ташкилоти Агроаксияи Олмон Давлатов Д., директори ташкилоти Оксфам Боян Колунҷия баромад намуданд.

Аъзоёни Платформаи миллӣ дар муҳокимаи масъалаи мазкур иштирок намуда, тасдиқи ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардидаро аз тарафи раиси Платформаи миллӣ қобили қабул донистанд.

ДАР МУҲОКИМАҲО ИШТИРОК НАМУДАНД:

Одинаев С., Ҷаъфаров Н.Ҷ., Ғаффоров Б.А., Маҳмадалиев А.Ғ., Мирова Д.С.

Дар охир, раиси Платформаи миллӣ таваҷҷӯҳи аъзоёнро ба масъалаи иҷрои чорабиниҳои «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хатари офатҳо барои солҳои 2010-2015» ҷалб намуда, вазорату идораҳои дахлдорро ҷиҳати пешниҳоди лоиҳаҳо тибқи самтҳои афзалиятнок, ки ба масъалаҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ равона шудаанд, таклиф намуд.

Баъд аз баромади муовини раиси Платформаи миллӣ, котиботи Платформаи миллӣ ва муҳокимаҳо маҷлис қ а р о р қабул кард:

1. Тавсияи Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ба Комиссияи Давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда ҷиҳати баргузории маҷлиси махсуси Комиссияи мазкур вобаста ба баррасии масъалаҳои пешгирӣ ва паст кардани хавфи офатҳои табиии соли 2014 пешниҳод карда шавад.
2. лоиҳаи «Сохтор ва тартиби фаъолияти Системаи ягонаи давлатии оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда» маъқул дониста шуда, тибқи тартиби муқаррааргардида аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш карда шавад.
3. Вазорату идораҳо:
   - иҷрои нақша чорабиниҳои Стратегияи миллиро бо назардошти самтҳои афзалиятноки он лоиҳаҳои инвеститсиониро таҳия намуда, ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 15 сентябри соли 2014 пешниҳод намоянд;
   - ҳисобот оид ба татбиқи ҳадафҳои «Барномаи амалиёти Хиого оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ» омода намуда, ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 октябри соли 2014 пешниҳод намоянд;
   - таклифҳо барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Ҳайат ва Низомномаи Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда, Платформаи миллӣ ва гуруҳи доимамалкунандаи экспертии он ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 10 сентябри соли 2014 пешниҳод намоянд.
4. Татбиқи Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон (ДИПЕКО-8) ва дигар лоиҳаҳои инвеститсионӣ мувофиқи мақсад шуморида шуда, аз ташкилотҳои байналмилалӣ хоҳиш карда шавад, ки ба Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ҳисоботи рафти иҷрои онҳоро пешниҳод намоянд;
5. Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:
   - ҳисобот оид ба татбиқи «Барномаи амалиёти Хиого оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ» тибқи тартиби муқаррааргардида тавассути Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон то

охири соли 2014 ба дафтари СММ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ пешниҳод намоянд;

- татбиқи Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон (ДИПЕКО-8) ва дигар лоиҳаҳои инвеститсионӣ зери назорат қарор дода, аз рафти онҳо ба Платформаи миллӣ мунтазам ахборот пешниҳод намоянд;
- ҳамоҳангсози Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон (ДИПЕКО-8) ва дигар лоиҳаҳои инвеститсионӣ котиби масъули Платформаи миллӣ – сардори Раёсати ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди Кумита полковник Камолов Ҷ.Ҷ. дониста шавад;
- барои иштироки Ҳайати расмии Платформаи миллӣ дар кори Конфронси сеюми умумиҷаҳонӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар шаҳри Сендайи Япония моҳи марти соли 2015 таклифҳои мушаххас пешниҳод намояд.

6. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирии паҳншавии бемориҳои ниҳоят хавфнокро дар байни одамон ва ҳайвонот чораҳо андешида, то 15 сентябри соли 2014 маълумоти муфассалро пешниҳод намоянд;
7. Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Институти геология, сохтмони ба зилзила тобовар ва сейсмологияи Академияи ҶТ маълумоти муфассалро оид ба рӯйхати мавзеъҳои таҳти таъсири ярч қарордоштаи ҷумҳуриро муайян намуда, бо мақсади маблағгузорӣ намудани корҳои мониторинги ярчҳои махсусан хавфнок то 1 октябри соли 2014 таклифҳои мушаххас пешниҳод намоянд;
8. Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини бехатарии полигонҳои заҳрхимикатҳо ва ташкили мониторинги онҳо чораҳо андешида, то 15 декабри соли 2014 маълумоти муфассалро пешниҳод намояд;
9. Агентии амнияти ядрой ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонӣ оид ба вазъи экологии партовгоҳҳои радиоактив ва масъалаи ташкили корҳои мониторингӣ то 15 сентябри соли 2014 маълумоти муфассалро пешниҳод намояд;
10. Агентии беҳдошти замин ва обёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирии офатҳои табиӣ тибқи тартиби муқарраргардида барои сохтмони иншоотҳои муҳофизат аз сел, махсусан иншоотҳои нигоҳдорандаи сел, истаҳрҳо ва селкаппакҳо ҳамкориҳоро бо ташкилотҳои байналмилалӣ ба роҳ монад.
11. Тасдиқ карда шавад:
   – Нақшаи кори Платформаи миллӣ барои соли 2014;

Раиси Платформаи миллӣ оид ба
паст кардани хавфи офатҳои табиӣ М. Алимардон

«Тасдиқ мекунам»
Раиси Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ

Муродалӣ Алимардон

«___» «________________» соли 2014

Нақшаи кори
Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои соли 2014

| р/т | Номгӯи масъалаҳое, ки дар маҷлис баррасӣ мегарданд | Масъулини иҷро | Мӯҳлати иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | Таҳлили фаъолияти Платформаи миллӣ дар соли 2013 ва тасдиқ намудани нақшаи кории он барои соли 2014 | Котиботи Платформаи миллӣ | Июли соли 2014 | |
| 2 | Банақшагирии чорабиниҳои пешгирӣ ва паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар соли 2014 | Аъзоёни Платформаи миллӣ, Вазорату идораҳо | Июл - Декабри соли 2014 | |
| 3 | Баррасии лоиҳаи Низомномаи Системаи ягонаи давлатии ҶТ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда | Котиботи Платформаи миллӣ | Июли соли 2014 | |

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|
| 11 | Муаррифии татбиқи Барномаҳои Иттиҳоди Аврупо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои Тоҷикистон (ДИПЕКО-8) | Ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо | Июл - Декабри соли 2014 | |
| 12 | Рафти татбиқи Лоиҳа «Дар бораи таҳкимкунии имкониятҳо оид ба идоракунии иттилоот ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда ва такмили системаи рақами фаврии «111» | Барномаи рушди Созмони милали муттаҳид | Июл-Сентябри- соли 2014 | |
| 13 | Даровардони тағйирот ба Низомнома ва ҳайати Комиссияи Давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда, Платформаи миллӣ ва гурӯҳи доимамалкунандаи экспертӣ | Аъзоёни Платформаи миллӣ ва Котиботи Платформаи миллӣ | Июл- Декабри соли 2014 | |
| 14 | Таҳия ва коркарди сомонаи интернетии Платформаи миллӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзоёни Платформаи миллӣ, Котиботи Платформаи миллӣ ва Барномаи рушди СММ | Июл-Декабри соли 2014 | |
| 15 | Ташкил ва гузаронидани рӯзи байналмилалӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзоёни Платформаи миллӣ ва Котиботи Платформаи миллӣ | Октябри соли 2014 | |
| 16 | Ташкили ҳамкориҳо бо Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба рушди назди Ҳамоҳангсози доимии СММ дар Тоҷикистон | Аъзоёни Платформаи миллӣ, Котиботи Платформаи миллӣ ва Барномаи рушди СММ | Октябр-Ноябри соли 2014 | |
| 17 | Таъмини системаи устувори идоракунӣ ва ҳифзи полигони заҳрхимикатҳои аз истифода хориҷгардида дар қаламрави ноҳияҳои Вахш ва Қумсангири вилояти Хатлон | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди ҲукуматиҶТ, Аъзоёни Платфомаи миллӣ, Вазорату идораҳои дахлдор | Декабри соли 2014 | |

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|
| 4 | Маълумот дар бораи Барномаи амалиёти Хиого барои солҳои 2005-2015 ва масъалаи таҳияи «Барномаи нав оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ баъд аз соли 2015» | Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Июл - Ноябри соли 2014 | |
| 5 | Ташкил ва гузаронидани ҷамъомадҳои миллӣ, мизи мудаввар ва давраҳои омузишӣ оид ба таҳким бахшидани Платформаи миллӣ ва ҷалб намудани грантҳо аз донорҳо | Аъзоёни Платформаи миллӣ, Ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо, | Июл - Декабри соли 2014 | |
| 6 | Ташкил намудани омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешқадам дар масъалаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзоёни Платформаи миллӣ бо дастгирии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид | Сентябр - Ноябри соли 2014 | |
| 7 | Омодагӣ ва иштирок дар Конференсияи Осиёгии Вазирон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзоёни Платформаи миллӣ | Июни соли 2014 | |
| 8 | Иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ ва машваратҳои минтақавии платформаҳо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзоёни Платформаи миллӣ бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ | Дар давоми соли 2014 | |
| 9 | Омодагӣ ба Конференсияи умумиҷаҳонӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар ш.Сендайи Япония соли 2015 | Аъзоёни Платформаи миллӣ бо дастгирии ташкилотҳои байналмилалӣ | Июл - Декабри соли 2014 | |
| 10 | Пешниҳод ва баррасии лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ | Аъзоёни Платформаи миллӣ, Ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо, | Июл - Декабри соли 2014 | |

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|
| 18 | Таъмини бехатарии экологии полигони заҳрхимикатҳо дар ноҳияи Конибодоми вилояти Суғд | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди ҲукуматиҶТ, Аъзоёни Платфомаи миллӣ, Вазорату идораҳои дахлдор | Декабри соли 2014 | |
| 19 | Тартиб додани харитаи чойгиршавии мавзеъҳои полигони заҳрхимикатҳо дар қаламрави вилояти Хатлон | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди ҲукуматиҶТ, Аъзоёни Платфомаи миллӣ, Вазорату идораҳои дахлдор | Декабри соли 2014 | |
| 20 | Пешниҳоди маълумоти муфассал оид ба мавзеъҳои тахти таъсири ярч қарордоштаи чумҳурӣ бо мақсади чалби сармоя барои гузаронидани корҳои мониторинги ярчҳои махсусан хавфнок | Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор | Октябри соли 2014 | |
| 21 | Чораандешӣ чиҳати пешгирии пахншавии бемориҳои ниҳоят хавфнок дар байни одамон ва ҳайвонот ва пешниход намудани маълумоти муфассал | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сентябри соли 2014 | |
| 22 | Бо мақсади пешгирии офатҳои табиӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ барои сохтмони иншоотҳои муҳофизатӣ (селқаппакҳо) | Агентии беҳдошти замин ва обёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чалби ташкилотҳои байналмилалӣ | Тибқи нақшаи алоҳидаи идоравӣ | |